Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, соли 2023, 178 саҳ.)

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсия, нақша, маводҳои илмию амалии дар диссертатсия истифодашуда, натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи таҳқиқот манзуршуда ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Мавзӯи рисолаи интихобнамудаи бе ягон шубҳа мубрам буда, он дар бо таври зарурӣ асоснок карда шудааст. Муаллифи диссертасия **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** дуруст зикр кардааст, ки: “Таҷрибаи рушди кишварҳое, ки дар ислоҳоти бозории иқтисодиёт ва таъмини сатҳи баланди даромади аҳолӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки соҳибкории хусусӣ на танҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ, балки дар ташкили омилҳои устувор, тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ низ нақши рӯзафзун мебозад. Дар ҷаҳони муосир қисми зиёди соҳибкории хурдро соҳибкории оилавӣ ташкил медиҳад. Афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии ин самти соҳибкорӣ самаранокии баланди фаъолияти субъектҳои он ва дарозмуддати будани динамизми тараққиётро муайян менамоянд. Дар як қатор давлатҳои хориҷа ассотсиатсияҳои махсусе мавҷуданд, ки дар соҳаи ташкили

соҳибкории оилавӣ тадқиқот мегузаронанд, манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунанд ва барои мубодилаи таҷриба дар фаъолияти соҳибкории оилавӣ майдонҳои мубоҳиса пешниҳод мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки аҳолӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ фаъолона ҷалб карда шавад, анъанаҳои соҳибкории оилавӣ инкишоф дода шуда, сулолаҳои соҳибкории оилавӣ ташаккул дода шаванд. Яъне соҳибкории оилавӣ на танҳо муҳити мӯътадили иҷтимоию иқтисодиро дар ҷомеа таъмин менамояд, балки муҳити соҳибкорӣ ва ояндабиниро низ ташаккул медиҳад." (Саҳ. 4-5 дис.). То ҳол доир ба мавзӯи мазкур корҳои алоҳида мавҷуд буданд, аммо муллиф ин масъаларо дар сатҳи диссертатсия баррасӣ кардааст, ки қобили дастгирӣ мебошад.

Дараҷаи асоснокии муқарраротӣ илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд. Ҳангоми омӯзиши мавзуъ номзад корҳои олимони гуногуни хориҷию ватаниро истифода кардааст. Инчунин қонунгузорӣ низ дар сатҳи зарурӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф Рофиева Азиза Ҳамдамовна ҳангоми тадқиқот усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмиро мавриди корбаст қарор гирифтааст, аз қабили усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез. Дар диссертатсия маълумот оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои илмии аз тарафи муаллифи диссертатсия бадастовардашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи хулосаҳои илмӣ оварда шудаанд. Роҳи ҳалли масъалаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия асоснок ва сазовор ба баҳои мусбӣ мебошанд.

Муаллиф проблемаҳои хоси соҳаро баррасӣ кардааст. Таҳилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустқили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти диссертатсияи номзади мазкур ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

**Саҳеҳият, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтаанд** қобили фаҳм ва дастгирӣ мебошанд. Ба ҳимоя 9 нуқтаи илмӣ ва 3 таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ манзур шудааст. Муаллифи рисолаи номзади Рофиева Азиза Ҳамдамовна

барои ҳимоя нуктаҳои зерини илмиро бо максади такмили қонунгузорӣ ки навоварии илмии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд, пешкаш мекунад:

1. Дар айни ҳол қонунгузор соҳибкории оилавиро бояд ҳамчун самти фаъолияти соҳибкорӣ ва падидаи муассири ҳуқуқи соҳибкорӣ ва оилавӣ бо дарҷи он дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор эътироф намояд. Соҳибкории оилавӣ, ки аз дастгирии давлатӣ ва танзими махсуси қонунгузорӣ маҳрум гаштаву танҳо дар шакли худмашғулият боқӣ монад, вазифаҳои муҳимтарини ҳуқуқиву иқтисодиро дар модели миллии пешбурди соҳибкорӣ дар ягон давлат иҷро карда наметавонад.

2. Соҳибкории оилавӣ як самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар он ду ё зиёда аъзои оила тавассути робитаҳои оилавӣ нақшҳои роҳбарӣ ё соҳибмулкӣ доранд ва бо мақсади ба даст овардани фоида таҳти масъулият истеҳсолот, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ё фурӯши молро ба сомон мерасонанд. Аломатҳои фарққунандаи соҳибкории оилавӣ аз дигар самтҳои соҳибкорӣ чунинанд: оила барои идоракунӣ масъул мебошанд ва ё ҳадди ақал 25% саҳмияҳои ташкилот ба оила тааллуқ доранд; молик ё менеҷерҳо соҳибкориро ҳамчун соҳибкории оилавӣ муайян ва дарк мекунанд.

3. Омилҳои асосии мусоидаткунанда ба рушди соҳибкории оилавӣ инҳо мебошанд: ташаккули фарҳанги ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ; ҷалби аъзоёни оила ба идоракунии фаъолият; таъминоти ворисияти соҳибкорӣ; нигоҳдории идорашавандагии соҳибкории оилавӣ; заминаи устувор барои соҳибкории хурд, миёна ва калон.

4. Субъектҳои соҳибкории оилавӣ ба 2 гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1. Ташкилоти оилавӣ субъекти соҳибкории миёна ва калон мебошад, ки аз

ҷониби аъзоёни як оила (сардори оила, зан, шавҳар, фарзандон, наберагон, падару модар, дигар хешу табори ба синни меҳнатӣ расида (занони фарзандон ва набераҳо, бародарони хуниву угай, зану шавҳар ва фарзандони онҳо, амакҳо ва холаҳо) таъсис дода шуда, идора карда мешавад. 2. Соҳибкории оилавии инфиродӣ – шахси воқеие, ки ба ҳайси соҳибкор аз қайди давлатӣ гузашта, худ ва ё бо ҷалби меҳнати аъзои оила фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад.

5. Аъзоёни ташкилоти оилавӣ ҳуқуқ доранд дар идоракунии соҳибкории оилавӣ, қабули қарорҳо, назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ иштирок намоянд; вобаста ба шартҳои шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ ҳиссаи худро аз фоида гиранд; ихтиёран аз кори оилавӣ даст кашанд; барои баргардонидани як қисми арзиши амволи ташкилоти оилавӣ ҳангоми баромадан аз ҳайати он мутаносибан ба маблағи амволе, ки онҳо ба сармояи оинномавӣ гузоштаанд ё ба онҳо дар шакли асл ҷудо кардани амвол бо ҳамон арзиш, агар дар шартномаи таъсиси ташкилоти оилавӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, талаб кунанд.

6. Мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун ба субъектҳои соҳибкории оилавӣ барои ташкили истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) биноҳои ғайриистиқоматии истифоданашударо ба иҷора медиҳанд; барои сохтмони майдонҳои истеҳсолӣ замин ҷудо менамоянд; объектҳои истеҳсолии субъектҳои соҳибкории оилавиро ба шабакаҳои муҳандисию алоқа пайваст менамоянд; барои фурӯхтани маҳсулоти субъектҳои соҳибкории оилавӣ ҷойҳои махсус ҷудо мекунанд.

7. Таҳлили назария ва амалияи соҳибкории оилавӣ далели он аст, ки дар ин самти соҳибкорӣ таъсири оила ва омилҳои мураккаби системавӣ

мавчуданд ва ба равандҳои стратегӣ ва натиҷаҳои соҳибкори онҳо таъсир мерасонанд. Таъсири нодири системавии оила (модел)-ро бо истифода аз захираҳо ва имкониятҳои оила ба даст овардан мумкин аст. Ин модел нишон медиҳад, ки чӣ гуна муносибатҳои мутақобилаи системавии як воҳиди оила, субъекти хоҷагидорӣ ва узви инфиродии оила бо иҷроиш алоқаманданд.

8. Механизмҳои муайяни ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, ки ба соҳибкорони соҳаи саноат ва сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки аз дастгирии молиявии давлатӣ бархӯрдор шаванд. Дар ин замина аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароит барои пешбурди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи саноат ва сайёҳӣ тавассути маблағгузории имтиёзнок, махсусияти андозбандӣ, таъмини кафолатҳои иҷтимоӣ ва суст кардани назорати мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкории оилавӣ некуаҳволии худро беҳтар созанд.

9. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии оилаҳо ва рушди соҳибкории оилавӣ устувор намудани заминаи ҳуқуқии хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ зарур аст. Хоҷагии деҳқонии оилавӣ – якҷоя амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар фаъолияти хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва фурӯши маҳсулот) дар деҳот аз ҷониби аъзоёни оила ва шахсоне, ки якҷоя бо онҳо дар асоси меҳнати инфиродӣ ва молу мулке, ки дар моликият ё ба иҷора қарордошта, амал мекунанд.

Дар диссертатсия, дар асоси омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзуи баррасишаванда, аз ҷониби муаллифи рисолаи номзади баҳри такмили қонунгузорӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд:

10.1. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти

соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектҳои соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектҳои соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ.

10.2. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ" аз 26 июли соли 2014, №1107 моддаи 3(1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

"Моддаи 3(1). Самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ

1. Давлат ҳама гуна самтҳои соҳибкории пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, ба он иҷозат медиҳад.

2. Соҳибкорӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- соҳибкории иҷтимоию фарҳангӣ, соҳибкории иҷтимоӣ, соҳибкории оилавӣ, соҳибкории стратегӣ, соҳибкории инноватсионӣ, соҳибкории зеҳнӣ, соҳибкории экологӣ, соҳибкории виртуалӣ".

10.3. Бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)" аз 15 марти соли 2016, № 1289 зарур аст, ки хоҷагии деҳқонии оилавӣ ҳамчун шакли хоҷагидорӣ муқаррар карда шавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия аз он иборат мебошад, ки он дар қисмати дахлдор барои инкишофи бомуваффақонаи ҳуқуқи хусусӣ, инчунин барои ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи соҳиббкории оилавӣ замина илмиро фароҳам меорад.

Диссертатсия кори мустақили илмӣ-тахассусӣ ба шумор рафта, натиҷаи он барои рушди илм ва қонунгузории маданӣ ва соҳибкори заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Диссертатсия бо услуби илмӣ навишта шудааст, ягонагии дохилӣ дорад, дорои натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимояи ошкор пешниҳодшаванда мебошад, ки онҳо дар бораи саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад. Умуман сохтори рисола ба номи он мувофиқ мебошад ва дар рисола сабку услуби илмӣ риоя шудааст. Мукаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Муаллиф дар **боби аввал – «Моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ»** масъалаҳои табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷаро мавриди таҳлил қарор додааст. Зербоби аввали диссертатсия ба табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ бахшида шудааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки соҳибкории оилавӣ мавҷудияти муносибатҳои оилавӣ, соҳибкорӣ, ташкилӣ ва меҳнатиро дар байни субъектҳо пешбинӣ мекунад. Аммо асоси соҳибкории оилавӣ маҳз робитаҳои оилавию ҳуқуқӣ мебошанд, ки дар асоси онҳо фаъолияти соҳибкорӣ ташкил карда мешавад. Соҳибкории оилавӣ ин ташкили фаъолияти як узви инфиродии оила, беш аз ду аъзои оила ё дар заминаи моликияти хусусии ҳамаи аъзоёни оила баҳисоб меравад. Барои ҳамчун соҳибкории оилавӣ эътироф шудан худи ширкат ва сармояи саҳомии он бояд дар дасти оилаҳо бимонад ва ба мерос гузарад. Дар модели ҳуқуқии соҳибкории Тоҷикистон категорияи «соҳибкории оилавӣ» вуҷуд надорад ва дар сатҳи қонунгузорӣ чунин

шакли ташкилию ҳуқуқии пешбурди соҳибкорӣ ба мисли ташкилоти оилавӣ муқаррар карда нашудааст (Саҳ.25-26).

Маводҳои зиёди илмӣ ва қонунгузориро таҳлил намуда, муаллиф қайд менамояд, ки айни замон танзими махсуси ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надорад.

Дар адабиёт зарурати тафриқаи вазъи ҳуқуқии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла аз нуктаи назари тадбирҳои дастгирие, ки ба онҳо аз сабаби мавҷудияти тафовут дар имкониятҳои иқтисодӣ ва дигар имкониятҳо дар байни соҳибкории хурду миёна кафолат дода мешавад, асоснок карда шудааст. Ҳамчунин тафриқаи минбаъда, ки ба ҳамоҳангсозии муносибатҳо ва муқаррар намудани танзими махсуси ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ нигаронида шудааст, бояд ҷой дошта бошад. Чунки соҳибкории оилавӣ бояд аз ҷониби давлат бештар дастгирӣ карда шавад, барои рушди фаъолияти соҳибкории аъзои оила барномаҳои махсуси мақсаднок таҳия ва татбиқ кардан зарур аст. (Саҳ. 34-35 дис.).

Зербоби дуюми боби аввал «**Низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ»** номгузорӣ шудааст, ки дар он воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи соҳибкории оилавӣ таҳлил шудааст. Ба ақидаи муаллиф дар илми муосири ҳуқуқӣ, аз ҷумла сивилистӣ, муносибати ба ҳуқуқ ҳамчун маҷмӯи воситаҳои махсуси иҷтимоӣ собит гардида, барои ҳалли баъзе вазифаҳои умумии ҷомеа тарҳрезӣ шудааст. Чунин фаҳмиши ҳуқуқро дастгирӣ намуда, бояд қайд кард, ки маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ аз рӯи ин воситаҳо сохта шудааст ва аз воҳидҳои гуногун, ки метавонанд ҳамчун унсурҳои алоҳидаи меъёрҳои якхела тавсиф карда шаванд, иборат мебошад. Як қатор воситаҳои ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти сивилистӣ таҳия шудаанд. Зарурати таҳияи воситаҳои ҳуқуқии сивилистӣ дар он аст, ки дар онҳо воситаҳои таносуби меъёрҳо ва тарзҳо дарҷ мегарданд.

Меъёрҳои ҳуқуқӣ табиати хусусиятҳои воситаҳои ҳуқуқии мувофиқро муайян мекунанд. Масалан намуди воситаҳои ҳуқуқӣ ва мақсади

истифодаи он, доираи шахсоне, ки воситахои хукукиро истифода бурда метавонанд, роххои истифодаи маводи ҳуқуқӣ.

Воситаҳои ҳуқуқӣ бошанд ба мушаххасоти меъёри ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд. Далел ин аст, ки ҳама гуна воситаи ҳуқуқӣ барои самаранок будан бояд инъикоси маърифати субъектони муносибатхои ичтимоӣ, хусусиятхои ҳатмӣ ва ихтиёрдорӣ бошад. Аз ин рӯ, дар чунин ҷанба, максади ба даст овардани устувории воситаҳои ҳукукӣ бо мақсади устувории муомилоти сивилистӣ мувофик аст. Агар конунгузор дар муносибатҳои истифодаи ҳукуки сивилистӣ бетарафиро қабул кунад, пас одатан меъёрҳои кофӣ ба даст оварда мешаванд. Воситаҳои ҳукуки гражданӣ, ки дар конунгузорӣ мукаррар шудаанд, метавонанд ба намудҳо дар асосҳои гуногун тақсим шаванд (Саҳ. 48 дис.).

Дар заминаи таҳлили маводхои сершумори илмӣ ва қонунгузории ватаниву хориҷӣ муаллиф зикр намудааст, ки низоми воситаҳои ҳуқуқии таъмини соҳибкории оилавӣ низоми воситаҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҷамъиятӣ мебошад, ки татбиқи манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятии аъзоёни оила ва умуман оиларо ҳамчун маҳаки ҳуқуқӣ дар баробари ҷамъият ва давлат муайян мекунад. Модели назариявии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун маҷмӯи муқаррарот ва тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба тағйир додани қонунгузории Тоҷикистон дар соҳаи соҳибкории оилавӣ мебошад, ки асоси сиёсати ҳуқуқии оиларо барои таъмини ҳамоҳангии манфиатҳои оилавӣ дар соҳибкорӣ ташкил медиҳанд (Саҳ. 52-53 дис.).

Дар зербоби сеюм – “**Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа**” номзад қонунгузории давлатҳои хориҷаро оид ба соҳибкории оилавӣ таҳлил намуда, такид менамояд, ки дар шароити дигаргунсозандаи иқтисод, таназзули амиқи истеҳсолот, бадтар шудани сатҳи бекорӣ ва афзояндаи осебпазирии иҷтимоӣ нақши оила, аҳамияти он ҳамчун воҳиди устувортарин ва мутобиқшавандаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, ки метавонад бақои онро дар шароити муосир таъмин намояд, устувор гардида истодааст. Маҳз дар сатҳ ва тавассути оила

низоми иҷтимоӣ механизмҳои муҳофизатии худро амалӣ мекунад, ки дар давраҳои муҳим ба кор меоянд.

Афзоиши фаъолшавии рафтори иқтисодии аҳолӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи муосири баъдииндустриалӣ боиси васеъ ва интенсификатсияи функсияҳои иқтисодии қаблан суст инкишофёфтаи оила мегардад. Дар ин асно он заминаи бавуҷудоии институтҳои "иҷораи оилавӣ", "савдои оилавӣ", "хоҷагии ёрирасони шахсӣ", "соҳибкории оилавӣ".

Соҳибкории оилавӣ чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, дар ҳама гуна модели иқтисоди бозорӣ омили қобили ҳаёт ва чандири рушди иқтисодӣ мебошад. Зимнан рушди афзалиятноки соҳибкории оилавиро на танҳо як амали тадбирҳои зиддибӯҳронӣ, балки самти дарозмуддати сиёсати сохторӣ, ки пайвастагии органикии такрористеҳсолкунӣ ва равандҳои бозорро дар иқтисодиёт таъмин менамояд, баррасӣ кардан лозим аст. (Саҳ.64-65 дис.).

Муаллифи диссертасия қонунгузории давлатҳои алоҳидаи хориҷаро таҳлил намуда, хулосабарори мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таносуб ба давлатҳои хориҷа соҳибкории оилавӣ ҳамчун яке аз самтҳои соҳибкорӣ дар қонунгузорӣ ҳамчун шакли махсуси танзими ҳуқуқӣ ва дастгирии давлатӣ ҷудо карда нашудааст. Дар баробари ин муайян кардани чунин самти фаъолияти соҳибкорӣ метавонад яке аз механизмҳои самарабахши озодии ташаббуси соҳибкорӣ ва неруи эҷодӣ гардад. Пас омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бо назардошти қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар доираи ин таҳқиқот саривақтӣ аст (Саҳ.70 дис.).

Дар **боби дуюм – «Махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида»** масоили ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ таҳлил карда шудаанд.

Дар зербоби якум « **Ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ**» номзад махсусияти соҳибкории оилавиро дар комплекси агросаноатӣ баррасӣ кардааст. Ба назари рисоланавис, рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва дигар шаклҳои хурди соҳибкорӣ дар деҳот дар марҳалаи ҳозира яке аз самтҳои муҳими таъмини афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии кишлок, бо кор таъмин намудани аҳолии деҳот мебошад. Дараҷаи инкишофи онҳо имкониятҳои самарабахши истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ, дараҷаи бо озуқаворӣ таъмин намудани мамлакатро муайян мекунад. Таҳлили амалияи ватанӣ нишон медиҳад, ки самти аз ҳама сердаромад, рақобатпазир ва ояндадори рушди комплекси агросаноатӣ соҳибкории оилавӣ мебошад ва он дараҷаи зиндагонии сокинони деҳот, худтаъминкунии ноҳия, шаҳрро бо озуқаворӣи асосӣ, фаъолияти корхонаҳои коркард ва дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, муайян мекунад (Саҳ. 96 дис.).

Ба ақидаи номзад моҳияти иқтисодии хоҷагии оилавӣ тавассути вазифаҳои зерини муҳим зоҳир мегардад: ҷамъоварӣ, ташаккул ва истифодаи даромади аъзоёни оила; қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аъзоёни оила аз ҳисоби даромади мавҷуда; истеҳсоли мустақим ба маънои анъанавии он. Ин ба шаклҳои истеҳсолот, ки дар асоси оила-индивидуалӣ ташкил карда шудаанд, дахл дорад. Самаранокии фаъолияти соҳибкории оилавӣ бештар аз тарзи ташкили он вобаста аст. Он метавонад ҳам стихиявӣ ва ҳам муташаккил бошад. Соҳибкорӣ дар сурати мавҷуд набудани механизми танзими давлатӣ ва худтанзимкунии ин соҳа, ки барои марҳилаи ибтидоии инкишофи муносибатҳои соҳибкорӣ хос аст, ба таври стихиявӣ инкишоф меёбад. Оғози ташкилӣ бо амалиёти муштараки давлат, фирмаҳо, оилаҳо ба вуҷуд меояд (Саҳ. 107 дис.).

Дар зербоби дуюм «**Заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ**» муаллиф кулли махсусиятҳои соҳибкории оилавиро дар соҳаи сайёҳӣ таҳлил намудааст.

Ҳамин тариқ, аутсорсинг ҳамчун дар асоси шартнома интиқол додани вазифаҳои ғайриасосии субъект ба иҷрокунандагони беруна, ки дар соҳаи мушаххас тахассус доранд ва донишу таҷриба доранд, фаҳмида мешавад. Ширкате, ки вазифаҳои "дигар"-ро ба ӯҳда мегирад, аутсорсинг ё аутсорсинг номида мешавад. Истеъмолкунандаи хидматҳои аутсорсинг шуда, ташкилоти фармоишгар имкони тамаркуз ба тиҷорати асосӣ пайдо мекунад, зеро шартномаи аутсорсинг махсусан барои фаъолияти ғайриасосии ташкилот баста мешавад. Азбаски мафҳуми аутсорсинг дар қонунгузории Тоҷикистон мавҷуд нест, дар аксари мавридҳо пешниҳоди хидматҳои аутсорсинг бо меъёрҳои боби 37 «Хизматрасонии пулакӣ»-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад (Саҳ. 114 дис.).

Муаллифи диссертасия **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** ҳангоми таҳлили зербоб ба хулоса омадааст, ки таҳлили бозори сайёҳӣ нишон дод, ки дар байни субъектони бозори сайёҳӣ соҳибкории оилавӣ бартарӣ доранд. Аммо як ширкати сайёҳии оилавӣ, ки дар бозори минтақавӣ ба сифати агенти сайёҳӣ фаъолият мекунад, ба натиҷаҳои кори худ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунад, хусусиятҳои минтақаро, ки аз урфу одат, зиндагӣ, фарҳанг, дин, таркиби этникии аҳолии маҳаллӣ иборат аст, медонад.

Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои молиявӣ, соҳибкорони хурд ба рушди босуръати инноватсия ва дифференсиатсияи хизматрасонӣ манфиатдор мебошанд.

Бинобар ин дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ мумкин аст, ки ҳуқуқи ворисон барои аз номи худ пешниҳод намудани хизматрасониҳои иловагии сайёҳӣ, ки бо фаъолияти соҳиби консессия рақобат намекунад, ба назар гирифта шавад. Яъне як ширкати сайёҳӣ, ки ба сифати танзимгари саёйҳӣ барои сайёҳии дохилӣ ё ба ҳайси агентии сайёҳӣ фаъолият мекунад, метавонад аз номи худ хидмати экскурсия ё ҷойгиронии сайёҳон дар бахши хусусӣ дар осоишгоҳро дар мавсим таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, тамоми механизмҳои пешниҳодшуда (аутсорсинг, конвергенсия, франчайзинг) метавон дар маҷмӯъ дар шакли модели инноватсионии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ кӯмак намоянд (Саҳ. 123-124 дис.).

Дар зербоби сеюми рисола "**Мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқ**" номзад **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** қайд менамояд, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории оилавӣ дар мисоли кишварҳои ғарбӣ ниҳодҳои дахлдор (фондҳо, марказҳо, кумитаҳо) таъсис додан зарур аст, ки фаъолияти онҳо ба дастгирии ин намуди соҳибкорӣ ва амалӣ намудани вазифаҳои зерин нигаронида шудааст: пешбарӣ намудани манфиатҳои соҳибкории оилавӣ дар ҳама сатҳҳои ҳукумат; ҳавасмандгардонии таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирии соҳибкории оилавӣ; расонидани ёрии машваратӣ оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба соҳибкории оилавӣ; ташаккул додани фазои бароҳати сармоягузорӣ ва ҳуқуқӣ ва ғ.

Рисоланавис дар ин зербоб зикр менамояд, ки метавон хулосаҳои зеринро баровард, ки соҳибкории оилавӣ ба суръати рушди иқтисодӣ, сохтор ва сифати маҷмӯи маҳсулоти миллӣ таъсир мерасонад, ки ба ин далел аксарияти мутлақи давлатҳои мутараққӣ ба рушд ва фаъолияти соҳибкории оилавӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунанд. Чунин факт шаходат медихад, ки соҳибкории оилавӣ ҳамчун шакли нави ташкили меҳнати ҷамъиятӣ зарурӣ ба манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакатамон мувофиқ аст. Ин фаъолият ҳам барои иқтисодиёти мамлакат ва ҳам барои ҳар як шаҳрванд як хел фоиданок аст. Ташкилоти оилавӣ меҳнати иловагиро ба раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ дохил мекунанд, ки он сарватҳои нав ба вуҷуд меоварад, даромади миллӣ ва сарвати миллиро афзун менамояд. Соҳибкории оилавӣ як манбаи рушд аст, ки Тоҷикистон онро наметавонад рад кунад. Имрӯз соҳибкории оилавӣ асоси иқтисодиёти аксари давлатҳо буда, ободии кишвар аз вазъи рушди он вобаста аст (Саҳ. 129 дис.).

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, инчунин хулосаи кор ифодаи худро ёфтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиханд. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсияро корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳад. Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умуминазариявӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои ҷадиди илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Масъалаҳое, ки дар диссертатсия мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, дар дигар корҳои илмӣ, ки ба масъалаҳои марбут ба унсурҳои асари баррасигардида бахшида шудаанд, метавонанд мавриди корбурд қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳангоми гузаронидани лексияҳо аз фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ба донишҷӯён ва магистрони факултети ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Дар хулоса муаллиф ақидаҳои имлии худро бо таври густурда баён кардааст ва тавсияҳои хуби илмию амалӣ фаро мегирад. Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар диссертатсияи номзадӣ **Рофиева Азиза**

**Ҳамдамовна** манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи маданӣ, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ саҳмгузор бошанд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография, 12 мақолаи илмӣ, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд. Нашр ва мазмуни маводҳои илмии **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** аз он гувоҳи медиҳад, ки таҳқиқоти номзади мустақил, бо сифат, дар доираи фаъолити касбӣ, сатҳи баланди илмӣ, анҷом додани таҳлилҳои мустақил сурат гирифтааст, ки сифати баланд ва касбӣ будани таҳқиқотро бозгӯ аст.

**Автореферат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.**

**Эродҳо ба мазмуни диссертатсия**. Мазмуни диссертатсияро мусбат арзёбӣ намуда, қайд менамоем, ки он дар маҷмӯъ моҳияти мавзӯъро ифода намуда, имконият медиҳад, ки масъалаҳои мубрами он баррасӣ гардад, вале аз нигоҳи мо баъзе ҷиҳатҳои мавзӯъ бахснок боқӣ монда, диссертатсияи мазкур ба монанди ҳама гуна тадқиқотҳои илмӣ аз баъзе нуқсонҳо холӣ намебошад:

1. Дар банди 8.1. пешниҳодҳои амалии барои ҳимоя пешниҳодшаванда чунин оварда шудааст: "Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории оилавӣ» саривақтӣ буда, мақсади он танзими муносибатҳо дар самти соҳибкории оилавӣ муқаррар гардида, дарбаргирандаи меъёрҳо оид ба муқаррароти умумӣ, ташкили ташкилоти оилавӣ, соҳибкории оилавии инфиродӣ ва бақайдгирии давлатии онҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектони соҳибкории оилавӣ ва аъзоёни он, фаъолияти субъектони соҳибкории оилавӣ, кафолатҳои озодии фаъолияти соҳибкории оилавӣ, муқаррароти интиқолӣ". Ин пешниҳод дар рисола бо таври зарурӣ таҳлил нашудааст. Баъдан маълум нест, ки дар кадом давлатҳои хориҷӣ

чунин қонун қабул шудааст. Барои хамин муаллифро зарур аст, ки ҳангоми ҳимоя онро тавзеҳоти иловагӣ диҳад.

2. Дар саҳифаи 122 рисола муаллиф зикр намудааст, ки: “Дар асоси низоми франчайзинг модели ташкили соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ таҳия шуда, таъсиси сохтори шабакаи муосири агентии классикии франчайзинг дар минтақаҳоро тахти бренди маъруф дар бозори сайёҳӣ амал мекунад”. Муаллифро зарур аст, ки дар рӯзи ҳимоя мафҳуми “сохтори шабакаи муосири агентии классикии франчайзинг” маънидод намояд.

3. Дар саҳифаи 126 диссертасия муаллиф дарҷ намудааст, ки: “Маъруфият ва ё ношӯр будани ташкилоти оилавӣ, пеш аз ҳама, бо шароити мавҷудияти он муайян карда мешавад. Масалан, мавҷуд ё набудани фаҳмиши мақомот дар бораи зарурати таҳияи сиёсате, ки ба рушди бахши воқеии иқтисод мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ инро метавон зарурати таъсиси гурӯҳи иҷтимоӣ бо номи синфи миёна номид, ки бояд омили устуворкунандаи сиёсати дохилии давлат ва заминаи иҷтимоии он гардад”. Пас саволе бавуҷуд меояд, ки зарурати таъсиси гурӯҳи иҷтимоӣ бо номи синфи миёна дар самти соҳибкории оилавӣ дар чист?

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши калидӣ надоранд. Мазмуни диссертатсия аз кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани он шаҳодат медиҳад. Муаллифи рисолаи номзади аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки онҳо метавонанд барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи оилавӣ саҳми сазовори худро гузоранд.

Умуман, диссертатсияи номзади **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, мувофик буда, кори илмӣ-тахассусие мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ, сохибкорӣ ва оилавӣ аҳамият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст, ки барои рушди кишвар мубрам мебошад. Муаллифи он **Рофиева Азиза Ҳамдамовна** бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақризи муқарризи расмӣ мутобиқи бандҳои 69-72 "Тартиби Додани дараҷаҳои илми", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шудааст.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва
зиддикоррупсионии факултети менеҷмент
ва ҳуқуқи иктисодии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Арбоби илм
ва техникаи Ҷумхурии Тоҷикистон Исмаилов Ш.М.

Имзои Ш.М. Исмаиловро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии моллия ва иқтисоди
Тоҷикистон Шарифов У.

27.05.23

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов, 64/14; тел:(+992 237) 231-08-37,
231-02-01 E-mail: tgfeu@ tgfeu.tj